آوازتاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

3 июни соли 2026
Чоршанбе
№ 43
(15262)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# САНОАТИ КИМИЁИ ЎЗБЕКИСТОН БА МАРҲИЛАИ НАВ МЕБАРОЯД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 2 июн ба технопарки кимиёву саноатии «Чирчиқ» ташриф оварда, бо фаъолияти як қатор корхонаҳо шинос шуд, инчунин, оид ба масъалаҳои рушди босуръати саноати кимиё ва татбиқсозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо ҷамъомади видеоселекторӣ гузаронд.***




Сарвари давлат нахуст аз корхонаи «Kmita Poly-mers»-и ҳудуди технопарк боздид намуд.

Лоиҳаи мазкур дар ҳамкорӣ бо ширкати «Polymers»-и Русия татбиқ гардида, ба истеҳсоли навъҳои гуногуни плёнкаҳои полиэтилении махсус ихтисос ёфтааст.

Чунин плёнкаҳо яке аз бахшҳои ба чашм ноаён, вале бисёр муҳими иқтисодиёти муосир ба ҳисоб мераванд. Имрўз бидуни хатар ба бозор расонидани маҳсулоти хўрокворӣ, техникаи маишӣ, масолеҳи сохтмонӣ, доруворӣ ва молҳои гуногуни саноатӣ, инчунин ҳифзи онҳо аз таъсири омилҳои беруна, бештар ба технологияҳои муосири бастубанд вобаста мебошад.

Корхона, ки дар майдони 6 ҳазору 670 метри мураббаъ ҷойгир аст, бо таҷҳизоти замонавии технологии Италия муҷаҳҳаз гардида, дар он навъҳои гуногуни маҳсулоти полимерӣ ва плёнкаҳои гармии фишурдашаванда истеҳсол карда мешаванд. Дар натиҷаи мавриди амал қарор гирифтани он барои истеҳсоли маҳсулоти ҷойгузини воридот ба маблағи 9,5 миллион доллар имконият фароҳам гардид.

Лоиҳа дар асоси барномаи думарҳилавии густаришёбанда амалӣ мешавад. Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ 15,2 миллион долларро ташкил медиҳад. Дар марҳилаи аввал 7,4 миллион доллар сармоя азхуд карда шудааст.

Дар доираи лоиҳа 50 ҷойи нави корӣ таъсис ёфт. Дар марҳилаҳои навбатӣ боз ҳам зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ дар назар аст.

Соли 2025 дар ин ҷо ба маблағи 115 миллиард сўм маҳсулот истеҳсол карда шуд. Ҳамзамон, маҳсулот ба маблағи 6 миллион доллар ба кишварҳои Осиёи Марказӣ содир шудааст.

Маҳсулоти полимерие, ки корхона истеҳсол менамояд, дар низоми бастубанди брендҳои бузурге чун «Coca-Cola», «Pepsi», «Flash», «Черноголовка», «Ackerman», «Asl Oyna», «Biolife» ва «Family Group» ҳамчун ашёи хоми маҳаллӣ истифода мешаванд.

Таъкид гардид, ки саноати бастубанд яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбандаи саноати муосир маҳсуб меёбад. Зеро бо афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, талаботи бехатарӣ ба нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва ба бозор расонидани он низ бештар мешавад.

Ба ин маъно, гуфта шуд, ки зиёд гардидани шумораи чунин корхонаҳо на танҳо ба рушди як соҳа, балки ба фаъолияти устувори бахшҳое чун саноати хўрокворӣ, сохтмон, дорусозӣ ва кишоварзӣ низ мусоидат мекунад.

Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев аз корхонаи «Novo-Plast TPE», воқеъ дар технопарки кимиёву саноатии «Чирчиқ» дидан кард.

Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо корхонаи «VR Plast»-и Русия дар майдони 4 ҳазору 200 метри мураббаъ амалӣ гардидааст. Арзиши умумии он 5,4 миллион долларро ташкил медиҳад.

Дар корхона озмоишгоҳи муосир ва хатҳои инноватсионии истеҳсолӣ роҳандозӣ шудаанд. Алҳол ин корхона дар самти истеҳсоли гранулаҳои термопластикии эластомерӣ ва маҳсулоти тайёр аз онҳо ҳамчун яке аз истеҳсолкунандагони пешсафи маҳаллӣ фаъолият мебарад.

Дар ин ҷо термоэластомерҳои баландсифат, зичкунандаҳо барои дару тиреза, шлангҳои барои соҳаҳои техникӣ ва саноати хўрокворӣ пешбинишуда, инчунин маҳсулоти гуногуни полимерӣ барои бахшҳои сохтмон ва электротехника истеҳсол мешаванд.

Афзалияти асосии маҳсулоти истеҳсолшаванда дар устуворӣ, тобоварӣ ба деформатсия ва муқовимати баланди онҳо ба таъсири муҳити беруна мебошад. Аз ин рў, ин маҳсулот дар соҳаҳои сохтмон, саноати автомобилсозӣ, истеҳсоли маҳсулоти хўрокворӣ ва электротехника васеъ истифода мешавад.

Дар назди корхона маркази муосири таҳқиқотӣ низ фаъолият мебарад. Дар ин ҷо бо назардошти талаботи бозорҳои Осиё ва Аврупо ретсептҳои нави термоэластопластҳо истеҳсол мегарданд. Ҳамзамон, гранулаҳои тайёр, зичкунандаҳо ва шлангҳои фишорашон баланд дар асоси стандартҳои байналмилалӣ аз озмоиш гузаронида мешаванд.

Дар корхона 58 ҷойи нави корӣ таъсис ёфта, тибқи натиҷаҳои соли гузашта, ба маблағи 103 миллиард сўм маҳсулот истеҳсол гардид. Ҳамчунин, ба маблағи 5 миллион доллар маҳсулот содир карда шуд.

Боз як натиҷаи муҳими фаъолияти корхона – иваз намудани маҳсулоти воридотӣ мебошад. Бахусус, соли 2025 ба маблағи 8,5 миллион доллар маҳсулоти ивазкунандаи воридот истеҳсол карда шуд.

Дар оянда корхона ният дорад ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро ба 177 миллиард сўм ва ҳиссаи содиротро ба 60 фоиз расонад. Дар сурати татбиқи ин нақшаҳо, корхона на танҳо талаботи бозори дохилиро қонеъ менамояд, балки мавқеи худро дар бозорҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳо боз ҳам мустаҳкам хоҳад кард.

Президент Шавкат Мирзиёев дар идомаи сафар ба технопарки кимиёву саноатии «Чирчиқ», бо фаъолияти корхонаи «BCG Group OZ» шинос шуд.

Маҳсулоти кимиёвии маишӣ ва автомобилӣ воситаҳое мебошанд, ки дар ҳаёти рўзмарра ва хизматрасонии техникӣ ба воситаҳои нақлиётӣ васеъ истифода мешаванд. Дар Ўзбекистон қисми зиёди ин намуди маҳсулот ворид мешуд, аммо имрўз истеҳсоли маҳаллӣ дар ин самт босуръат рушд мекунад.

Алҳол корхонаи «BCG Group OZ» бо истеҳсоли навъҳои гуногуни маҳсулоти кимиёвии маишӣ ва автомобилӣ машғул мебошад.

Дар доираи лоиҳа, ки 6 миллион доллар арзиши умумӣ дорад ва дар ҳамкорӣ бо шарики русиягӣ ташкил гардидааст, беш аз 80 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

Дар корхона беш аз 80 намуди маҳсулот, аз ҷумла автокимиё ва автокосметика, воситаҳои касбии тозакунӣ барои меҳмонхона, тарабхона ва корхонаҳои саноатӣ истеҳсол карда мешаванд.

Танҳо соли гузашта ба маблағи 176 миллиард сўм маҳсулот тавлид гардида, ба маблағи 2,6 миллион доллар маҳсулот содир шудааст. Истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ба маблағи 14,7 миллион доллар таъмин гардид.

Сифати маҳсулот бо санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ, бахусус, сертификатҳои ISO 9001, «Ҳалол» ва давлатҳои ИДМ тасдиқ шудааст.

Дар раванди истеҳсолот назорати сифат аз марҳилаи ашёи хом то маҳсулоти тайёрро дар бар мегирад. Дар озмоишгоҳ мутобиқати ашёи хом ба талаботи техникӣ, дараҷаи часпакӣ, нишондиҳандаи pH, зичӣ ва самарадории маҳсулот санҷида мешавад.

Алҳол маҳсулоти корхона ба давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла ба Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва Афғонистон содир мегардад.

Корхона пеши худ мақсад гузоштааст, ки дар оянда ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро ба 294 миллиард сўм расонад.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки чунин истеҳсолот барои иқтисодиёти кишвар аҳамияти бузург дорад.

Таҷдиди саноат, истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда ва афзоиши иқтидори содиротӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт табдил меёбад.

Технопарки кимиёву саноатии «Чирчиқ», ки бо ҳамин мақсад таъсис ёфтааст, алҳол ҳамчун яке аз майдонҳои нави саноатии насли нав дар соҳа ташаккул ёфтааст.

Технопарки мазкур, ки дар доираи таъмини иҷрои қарори дахлдори Сарвари давлат аз 3 феврали соли 2022 бунёд гардидааст, барои коркарди амиқи маҳсулоти кимиёвӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам ва фароҳам овардани муҳити мусоид барои сармоягузорони маҳаллӣ ва хориҷӣ хидмат мекунад. Дар минтақа, ки дар маҷмўъ 26,4 гектар масоҳат дорад, барои ташаккули шабакаҳои муҳандисиву коммуникатсионӣ ва инфрасохтори муосир 25 миллион доллар маблағ равона шудааст.

Ҷолибияти сармоягузории технопаркро дар рақамҳои мушаххас низ метавон мушоҳида кард. Аз ҷумла, соли 2025 ба маблағи 56 миллион доллар сармоя азхуд гардида, 758 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Дар давоми сол аз ҷониби корхонаҳо зиёда аз 150 намуди маҳсулот ба маблағи 60 миллион доллар истеҳсол гардид.

Нақшаҳои оянда низ бузурганд. То соли 2030 ба 207 миллион доллар расонидани ҳаҷми сармоягузорӣ, истеҳсоли маҳсулоти молӣ ба маблағи 294 миллион доллар, анҷом додани содирот ба маблағи 48 миллион доллар ва зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ то 2 ҳазору 300 адад пешбинӣ шудааст.

Дар ин ҷо ба Президент Шавкат Мирзиёев лоиҳаҳои илмиву амалӣ, ки ба фаъолияти технопарк, инчунин рушди саноати кимиё нигаронида шудаанд, муаррифӣ гардиданд.

Имрўз истеҳсоли нуриҳои минералӣ дар таъмини устувории бахши аграрӣ аҳамияти калон дорад. Гарчанд соле 3,7 миллион тонна нурӣ истеҳсол мешавад, талабот ба нуриҳои фосфорӣ ва дар об ҳалшавандаи воридотӣ зарурати таҷдиди минбаъдаи соҳаро тақозо менамояд. Дар ин самт лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маблағи 2,8 миллиард доллар таҳия шудаанд.

Дар бахши нафту кимиё бошад, эҳтиёҷи дохилӣ ба полимерҳо пайваста меафзояд. То соли 2032 ба 3,2 миллион тонна расидани ин талабот пешгўӣ мешавад. Татбиқсозии лоиҳаҳои бузург, аз ҷумла «Истеҳсоли олефин аз ангишт» дар Ангрен ва «Коркарди нафта» дар Қўнғирот, барои пурра қонеъ намудани ин талабот, ҷойгузинии маҳсулоти воридотӣ мусоидат хоҳад кард.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО САФАРИ КОРӢ БА РУСИЯ МЕРАВАД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин 4-5 июн бо сафари корӣ дар шаҳри Санкт-Петербург қарор хоҳад дошт.***

Сарвари давлат дар ҷамъомади умумии 29 Форуми байналмилалии иқтисодии Петербург, ки таҳти шиори «Муколамаи прагматикӣ – роҳ ба сўиояндаи устувор» баргузор мегардад, иштирок ва суханронӣ менамояд.

Роҳбари Ўзбекистон андешаҳои худро дар бораи вазъияти иқтисоди ҷаҳонӣ, дурнамои рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ўзбекистон ва Русия баён намуда, инчунин, ба самтҳои афзалиятноки рушди кунунии кишварамон таваққуф хоҳад кард.

Дар барномаи ташриф мулоқот бо Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин ва иштирок дар маросими оғози сохтмони нахустин неругоҳи барқи атомии ҳамгирошуда дар кишварамон дар назар аст.

**ЎзА.**

# НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ИФТИТОҲ ЁФТ

***Маркази намоишгоҳи маҷмааи Роҳи абрешим дар Самарқанд ба маросими расмии намоишгоҳи байналмилалии экологии «Eco Expo Central Asia 2026» мизбонӣ кард. Дар чорабинӣ намояндагони беш аз 100 кишвари ҷаҳон, роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ, намояндагони корпуси дипломатӣ, сармоягузорон, истеҳсолкунандагони маҳсулоти экологӣ, эко-новаторҳо, инчунин намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи коршиносон ширкат варзиданд.***

(Давомаш дар саҳ.2).

*Аз ҳаёти як мактаб*

# КОМЁБӢ ВА НАҚШАҲОИ МАКТАБИ МУВАФФАҚ

***Президенти мамлакат дар баромадҳои худ пайваста ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими ҳамоҳангии тарбия ва арзишҳои миллӣ, инчунин омода кардани хонандагон ба ҳаёти мустақил ва касбу ҳунар ҳамчун вазифаҳои муҳим диққати махсус медиҳад. Ҳамзамон, ў зарурати ташкили самараноки раванди таълиму тарбияро дар асоси принсипи ҳамкории «оила – маҳалла – мактаб» таъкид намуда, таъсиси «макони таълим»-ро дар маҳаллаҳо ҳамчун омили баланд бардоштани сатҳи маърифат ва тарбияи насли наврас арзёбӣ мекунад. Ҷамоаи омўзгорони мактаби рақами 18-уми ноҳияи Косонсой вазифаҳои зикршударо пурра дастгирӣ карда, барои татбиқи онҳо мунтазам талош меварзанд. Омўзгороне, ки дар ин ҷо фаъолият мебаранд, ба касби худ содиқанд. Онҳо дорои дониш ва таҷрибаи баланд буда, ба хонандагон на танҳо дониш, балки малакаҳои муҳими ҳаётӣ низ меомўзанд. Хусусан, натиҷаҳои баланди хонандагон дар олимпиада, озмун ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ натиҷаи кори пайвастаи ҷамоа мебошад.***




(Давомаш дар саҳ.4).

# САНОАТИ КИМИЁИ ЎЗБЕКИСТОН БА МАРҲИЛАИ НАВ МЕБАРОЯД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар соҳаи кимиёи маи-шӣ низ корҳои бонизом амалӣ мешаванд. Ду баробар кам кардани ҳаҷми воридот тавассути лоиҳаҳои сармоягузорӣ, аз ҳисоби маҳсулоти маҳаллӣ то 64 фоиз расонидани истеъмоли дохилӣ ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳои содиротӣ дар назар аст.

Баъдан, дар ин ҷо таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба вазифаҳои рушди босуръати саноати кимиё ва татбиқсозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.

Таъкид шуд, ки иқтисодиёт босуръат рушд карда, солҳои охир дар бахшҳои саноатӣ истеҳсоли 3 ҳазор намуди маҳсулоти нав роҳандозӣ шудааст.

9-10 сол муқаддам қисми асосии маҳсулоти кимиёвии мамлакатро нуриҳои минералӣ ташкил медоданд. Солҳои охир ба соҳа 8 миллиарду 300 миллион доллар сармоя ҷалб гардида, 87 иқтидори бузург ба истифода дода шуд.

Истеҳсоли беш аз 60 намуди маҳсулоти нави дорои арзиши баланди иловашуда, аз ҷумла ПВХ, гидрогени «сабз», полипропилени кафкдор ва плёнкаи БОПП аз худ карда шуд. Бо ин роҳ барои истеҳсоли ҳазорҳо намуди маҳсулоти нав дар шабакаҳои иқтисодиёт пойгоҳи зарурии ашёи хом фароҳам омад.

Дар натиҷа ҳаҷми содирот дар соҳа се баробар афзуда, шумораи кормандон аз 50 ҳазор нафар зиёд гардид.

Ҳамзамон, гуфта шуд, ки ҳанӯз дар соҳа имкониятҳои истифоданашуда зиёданд. Дар нӯҳ соли охир саноати ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 6,3 фоиз рушд кардааст, аммо ин нишондиҳанда дар саноати кимиё ҳатто ба 3 фоиз ҳам нарасидааст. Воридоти маҳсулоти кимиёвӣ 4 баробар афзуда, соле ба 4,5 миллиард доллар расидааст.

Таъкид гардид, ки Ҷамъияти саҳомии «Ўзкимёсаноат» асосан бо корхонаҳои бузурги зерсохтори худ маҳдуд гардида, бо беш аз 5 ҳазор корхонаи соҳа кори мунтазам ба роҳ намондааст, мушкилоту пешниҳодҳои онҳо амалан омӯхта намешаванд.

Дар ҷамъомад ба масъалаҳои тағйир додани таркиби маҳсулот, баланд бардоштани арзиши иловашуда ва кам кардани масрафи энергия диққати махсус дода шуд.

Дар мамлакат соле 1,5 миллион тонна селитраи аммиакӣ истеҳсол гардида, барои он 1 миллиарду 70 миллион метри мукааб газ сарф мешавад. Ҳамзамон, кишварҳои пешрафта истеъмоли селитраро кам карда, дар соҳаи кишоварзӣ корбурди карбамид ва нуриҳои дар об ҳалшаванда, дар саноати маъдани кӯҳӣ истифодаи селитраи ковокро роҳандозӣ менамоянд.

Гарчанде арзиши аслии селитраи ковок бо селитраи аммиакӣ баробар аст, арзиши иловашудаи он ду баробар бештар мебошад. Гуфта шуд, ки масъулон ва роҳбарони корхонаҳои кимиё бояд дар бораи зиёд намудани чунин лоиҳаҳо ҷиддӣ андеша намоянд.

Инчунин, таъкид гардид, ки агар нархи як тонна намаки сианӣ, ки дар «Навоийазот» истеҳсол мешавад, 3 ҳазору 700 доллар бошад, аз он ширеш истеҳсол гардад, арзишаш метавонад то 8 ҳазор доллар боло равад. Ба масъулон супориш дода шуд, ки дар кластери назди «Навоийазот» 10 лоиҳаи кимиёвии хурдҳаҷм ба маблағи 1 миллиард доллар оғоз намоянд.

Зикр гардид, ки тавассути пурра ба кор даровардани захираҳои мавҷудаи геологӣ низ метавон арзиши иловашударо чандин баробар афзоиш дод.

Дар Қароқалпоқистон, Сурхондарё, Қашқадарё ва Навоӣ 550 миллион тонна захираи натрий ва калий, 20 миллион тонна бентонит мавҷуд аст. Агар ин ашёи хомро ба таври амиқ коркард намуда, содаи каустикӣ истеҳсол гардад, арзиши иловашуда 3 баробар меафзояд.

Дар Ҷиззах 1,5 миллион тонна ва дар Қароқалпоқистон 500 ҳазор тонна захираи серпентинит муайян шудааст. Агар ин маъдан бо кислотаи сулфат коркард шавад, метавон оксиди магний истеҳсол кард, ки ҳар тоннаи он то 5 ҳазор доллар арзиш дорад. Дар сурати коркарди амиқтари серпентинит имкони ба даст овардани никел, хром ва кобалт низ фароҳам меояд. Ин маҳсулот барои саноати электротехника ашёи хоми муҳим ба ҳисоб меравад.

Ба масъулон супориш шуд, ки бобати ду баробар зиёд намудани захираҳои ашёи хоми зарурӣ барои саноати кимиё, чун фосфорит, галит, мирабилит ва серпентинит, барномаи сесола таҳия намуда, корҳои амалиро оғоз намоянд. Аз рӯйи роҳандозии лоиҳаҳо оид ба коркарди ашёи хоми серпентинит ба маблағи на камтар аз 200 миллион доллар вазифа гузошта шуд.

Ҳар сол ба мамлакат ба маблағи 300 миллион доллар маҳсулоти кимиёвии маишӣ ворид карда мешавад. Дар минтақа бошад, ҳаҷми бозори ин маҳсулот тақрибан 2 миллиард доллар арзёбӣ мегардад.

Масалан, дар минтақаи озоди иқтисодии «Ангрен» соҳибкоре бо ширкати дар ҷаҳон машҳури «Henkel» ҳамкориро ба роҳ мондааст. Ҳоло ин корхона аз ҷониби «Henkel» харидорӣ гардида, аз он ҷо интиқоли маҳсулот ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади зиёд намудани чунин лоиҳаҳо, майдонҳои яке аз минтақаҳои саноатии пойтахт барои татбиқсозии лоиҳаҳои кимиёи маишӣ ҷудо карда мешавад. Бо шарти ҳамчун тиҷорати омодаву сердаромад якҷо бо бренди худ ба бахши хусусӣ фурӯхтани корхонаҳое, ки ба фаъолият шурӯъ кардаанд, ба ин самт 50 миллион доллар равона мегардад.

Барои татбиқи чунин лоиҳаҳо дар дигар вилоятҳо аз Фонди кооператсияи саноатӣ 15 миллион доллар ҷудо карда мешавад. Дар маҷмӯъ, ба масъулон супориш шуд, ки барнома оид ба роҳандозии истеҳсоли на кам аз 100 маҳсулоти нави брендӣ дар кимиёи маиширо таҳия намоянд.

Дар ҷамъомад имкониятҳои бозори нуриҳои минералӣ низ таҳлил гардиданд.

Дар ҷаҳон талабот ба нуриҳои минералӣ соле 5 фоиз меафзояд ва дар соли 2030 аз 260 миллиард доллар зиёд хоҳад гардид. Бахусус, бо рушди агротехнологияҳои нав ниёз ба нуриҳои дар об ҳалшаванда босуръат зиёд мешавад.

Ба масъулони соҳа ва ҳокимон вазифа гузошта шудааст, ки дар се соли оянда 42 лоиҳаро ба маблағи 2 миллиарду 800 миллион доллар амалӣ намоянд. Бо ин роҳ то соли 2030 зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли нуриҳои азотӣ аз 2,8 ба 4 миллион тонна, нуриҳои фосфорӣ аз 400 ба 900 ҳазор тонна ва нуриҳои дар об ҳалшаванда аз 100 ба 400 ҳазор тонна муҳим арзёбӣ гардид.

Таъкид шуд, ки татбиқи лоиҳаҳои бузург дар самтҳои нуриҳои дар об ҳалшаванда, полимерҳо, кимиёи маишӣ ва ғайриорганикӣ боиси афзоиши талабот ба мутахассисони самтҳои муосир, аз ҷумла, нанокимиё, кимиёи «сабз», кимиёи супермолекулавӣ ва моделсозии кимиёвӣ дар асоси зеҳни сунъӣ мегардад.

Дар робита ба ин, дар саноати кимиё офаридани низоми ягонаи фарогири таълим, таҳқиқот, лаборатория ва стартапҳо муайян гардид.

Бо ин мақсад, дар 60 гектар майдони ноҳияи Мирзо Улуғбек кластери инноватсионии илмиву истеҳсолӣ ва таълимӣ барои саноати кимиё ташкил мегардад. Дар ин кластер дар ҳамкорӣ бо Кореяи Ҷанубӣ Маркази инноватсионии технологияҳои кимиё бунёд хоҳад шуд. Дар марказ нисфи хароҷоти марбут ба корҳои таҷрибавию озмоишӣ ҷуброн карда мешавад.

Умуман, супориш дода шуд, ки аз рӯйи дар саноати кимиё ба кор андохтани беш аз 350 лоиҳа ба маблағи 17 миллиард доллар барнома таҳия гардида, корҳои амалиро шурӯъ намоянд.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки барои расидан ба чунин марраҳои бузург идораи соҳа бояд дар асоси равишҳои илмӣ ва усулҳои муосир пеш бурда шавад. Дар робита ба ин, ба масъулон аз рӯйи трансформатсияи «Ўзкимёсаноат» супоришҳои дахлдор дода шуданд.

Дар рафти ҷамъомад ҳисоботи масъулони саноати кимиё ва роҳбарони минтақаҳо шунида шуда, бо роҳбарони корхонаҳое, ки дар шабака фаъолият доранд, мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Абдулазиз РУСТАМОВ,**
**мухбирони махсуси ЎзА.**

# ТОЗА НИГОҲ ДОШТАНИ МУҲИТИ ЗИСТ – КОРИ УМУМ

***Имрӯз барои беҳбуди вазъияти экологӣ дар саросари ҷумҳурӣ чораҳои ҷиддӣ андешида мешаванд. Дар ин самт, албатта, саҳми зерниҳодҳои Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлим хеле назаррас мебошад. Ҳоло муҳтавои суҳбати хабарнигори рӯзнома бо сардори Садорати экология, муҳити зист ва тағйирёбии иқлими вилояти Фарғона Алишер АҲМЕДОВ тақдим мегардад.***

***Мавсуф дар ибтидои суҳбат роҷеъ ба татбиқи лоиҳаи миллии «Фазои сабз», рушди ҷангал ва минтақаҳои табиии ҳифзшаванда чанде ҳарф зад. Ба гуфтаи ӯ дар доираи ин лоиҳа соли равон шинонидани 15,2 миллион ниҳоли дарахт ва бутта, аз ҷумла дар фасли баҳор – 5,6 миллион, дар фасли тирамоҳ – 9,6 миллион, барномарезӣ гардидааст ва ин нақша ба 117 фоиз иҷро шудааст.***

– Барои таъмини қобилияти ояндаи ниҳолҳо, ташкили самараноки системаи обёрӣ ва мубориза бо ҳашароти зараррасон 2 ҳазору 794 нафар нозирони экологии давлатӣ вобаста карда шуданд. Дар ин давра аз ҷониби мақомоти шаҳру ноҳияҳо дар масоҳати умумии 10 гектар 7-то «Боғи ҳокимият» бунёд гардид, дар 104 нуқта ярмаркаи ниҳол ва нуқтаҳои фурӯш ташкил карда шуданд. Гузашта аз ин, дар доираи лоиҳаи миллии «Фазои сабз» 175 семинари амалӣ баргузор гардид ва 10 ҳазору 600 нафар дар он иштирок карданд, – гуфт Алишер Аҳмедов.

**– Яке аз самтҳои беҳбуди вазъияти экологӣ ба роҳандозии рейдҳо низ вобаста аст. Дар ин бора назари шумо чӣ гуна аст?**

– Садорати мо дар давраи гузаштаи соли равон дар маҷмӯъ 2147 рейд анҷом дод. Дар самти гуногунии биологӣ 155 қонуншиканӣ ошкор гардид, дар натиҷа 953 миллион 368 ҳазор сӯм ҷарима ситонида шуд. Дар самти атмосфера бошад, 636 қонуншиканӣ ошкор гардид ва беш аз 275 миллион сӯм ба хазинаи давлат пардохта шуд.

**– Дар айни ҳол буридани ғайриқонунии дарахт ва буттаҳо низ ба назар мерасанд...**

– Бале, соли ҷорӣ 23 буридани дарахтони ороишӣ ошкор гардид ва дар муқобили ҳар як дарахти буридашуда 100 дарахт шинонда шуд. Ҳангоми таҳлили ҷаримабандӣ аз 107 ҷарима 72-тои он ба ноҳияи Фарғона, 68-тояш ба ноҳияи Данғара, 57-тояш ба шаҳри Қувасой, 25 ҷарима ба ноҳияи Сӯх ва 80 ҷарима ба ноҳияи Қува рост меояд. 3 миллион бех ниҳолу бутташинонӣ дар канори хоҷагиҳо ва майдонҳои кластерҳои пахтакорӣ, боғ ва токзорҳо, қаламрави идораҳову ташкилот ва муассисаҳо, соҳили дарёҳо, каналҳо, хандақҳо, инунин ташкили тутзорҳо низ ба нақша гирифта шуда буд, ки иҷрои он беш аз пеш таъмин мегардад.

Мувофиқи Қарори Президент аз 24 марти соли 2025 дар бораи чораҳои татбиқи лоиҳаи сармоягузории «Истеҳсоли нерӯи барқ тавассути сӯзондани партовҳои сахти маишӣ дар вилоятҳои Намангон ва Фарғона», инчунин татбиқи лоиҳаи миллии «Минтақаи бепартов» ва идоракунии партовҳо бо ҷалби сармоягузориҳои мустақими ширкати чиноии «China Everbright International Ltd», ба маблағи он 141,5 миллион доллари ИМА, дар қаламрави ҶШМ «Оқилол»-и ноҳияи Фарғона бо роҳи коркарди гармии 547 ҳазор тонна (1,5 ҳазор тонна дар як рӯз) партов 227,5 миллион киловатт нерӯи барқ истеҳсол карда хоҳад шуд.

Барои ин самти кор дар маҷмӯъ 12 миллиарду 840 миллион сӯм ихтисос дода шудааст ва барои он аз шаҳри Қувасой ва ноҳияи Риштон қитъаҳои замин интихоб карда шудаанд. То имрӯз, дар асоси лоиҳаҳои тасдиқшуда тендер баргузор шуд ва тибқи натиҷаҳои тендер, ҶДММ «Gold Mach Buildings» барои анҷом додани корҳои сохтмонӣ дар қитъаҳои муайяншудаи ин ду минтақа ғолиб эълон шуданд.

**– Ҳаҷми фоида аз ҳисоби даромадҳоро чӣ гуна метавон тафсир кард?**

– Тибқи натиҷаҳои семоҳаи аввали соли 2026 пешгӯии буҷа 12 миллиард сӯм муқаррар шуда буд, аммо дар асл 12 миллиарду 606 миллион сӯм даромад таъмин карда шуд. Аз ҳаҷми умумии даромад 6 миллиарду 809 миллион сӯм аз ҳисоби ҷубронпулӣ ва 5 миллиарду 796 миллион сӯм аз ҳисоби ҷарима ба даст омад. Аз ҷумла, нақша дар шаҳри Фарғона 138 фоиз, дар ноҳияи Бағдод 105 фоиз иҷро шуд. Мутаассифона, иҷрои нақша дар баъзе минтақаҳо паст боқӣ мемонад. Аз ҷумла, дар ноҳияи Сӯх 12 фоиз, дар шаҳри Марғилон 37 фоиз, дар ноҳияи Данғара 40 фоиз ва дар шаҳри Қӯқанд 46 фоиз ба қайд гирифта шудааст.

Дар соли 2026, дар маҷмӯъ 26,1 гектар заминҳои вайроншуда дар вилоят дубора коркард шуданд ва барои иҷрои корҳои банақшагирифташуда, ба 30 макони истихроҷи маъдан мактубҳои огоҳкунанда ирсол гардиданд. Дар натиҷа, то 9 апрели соли 2026, 2,8 гектар заминҳои вайроншуда дар ноҳияи Ўзбекистон, 0,7 гектар дар ноҳияи Фарғона, 0,9 гектар дар шаҳри Фарғона ва 0,9 гектар дар ноҳияи Данғара дубора мавриди коркард қарор гирифтанд.

Аммо ҳанӯз маълумоти кадастрии қитъаҳои замини ба хоҷагии ҷангали вилоят тааллуқдошта пурра ташаккул наёфтаанд. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯзиши қитъаҳои замине, ки барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ аз ҷониби Корхонаи давлатии «Маркази истифодаи сарватҳои зеризаминӣ»-и Вазорати саноати маъдан ва геологияи Ҷумҳурии Ўзбекистон дар асоси меъёрҳои экологӣ, бо истифода аз системаи Google Earth Engine интихоб шудаанд, маълум нест, ки ин минтақаҳо ба заминҳои ҷангал дохил мешаванд ё не. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин вазъият ба фаъолияти Департаменти ҳифзи об, захираҳои замин ва сарватҳои зеризаминӣ, инчунин шуъбаҳои шаҳр ва ноҳия мушкилоти умдаеро эҷод кардааст.

**– Ба назари шумо кадом масъала мавҷуд аст, ки ҳалли ногузири худро мехоҳад ва ҷиҳати беҳбуди экология мусоидат менамояд?**

– Ҳаракати бетартиби пиёдагардон дар чорроҳаҳои шаҳр боиси таваққуфи аз ҳад зиёди воситаҳои нақлиёт мегардад, ки ба афзоиши партови газҳои зараровар ба атмосфера оварда мерасонад. Гузашта аз ин, дар вилоят танҳо 1 таҳлилгари газ мавҷуд аст. Лозим аст, ки дар саросари кишвар таҷҳизоти чангу газ ва истгоҳҳои мониторинг истеҳсол карда шаванд. Дар баробари ин зарур аст, ки бо роҳу усулҳои гуногун истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ кам карда шаванд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Бонги изтироб*

# ВАЪДА ҲАСТУ АМАЛ НЕСТ

Маҷмааи Хоҷа Аҳрори Валӣ аз марказҳои машҳури меъмории фарҳангӣ ва маънавӣ дар Самарқанд аст. Таърихи он бо ному корномаи яке аз пешвоёни тариқати нақшбандия Хоҷа Убайдуллоҳ ибни Хоҷа Маҳмуд ибни Хоҷа Шаҳобиддин Шошӣ вобаста мебошад, ки соли 1404 дар деҳаи Боғистони ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканди имрӯз таваллуд ёфта, соли 1490 дар ноҳияи Самарқанд вафот кардааст. Падари бузургвораш Хоҷа Маҳмуд ва бобояш Шайх Хованди Таҳур будаанд.

Ӯ тамоми умр ба манфиати халқ хидмат карда, бо корҳои хайру нек сазовори ҳурмату эҳтиром гардид. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Алишери Навоӣ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур ва дигар алломаҳои Шарқ ӯро чун пири маънавӣ қадр кардаанд.

Вазири молия ва хазинабони Аморати Бухоро Нодир Девонбегӣ, ки ба Хоҷа Аҳрори Валӣ эҳтироми хоса дошт, солҳои 1630-1635 дар шафати масҷиди ҷомеъ ва зиёратгоҳи Хоҷа Аҳрори Валӣ ба бунёди иншооти бузург, ки шабеҳи мадрасаи Шердори маҷмӯаи Регистон аст, камари ҳиммат баст.

Воқеан, дар мадрасаи Нодир Девонбегӣ барои таълиму тарбия гирифтан тамоми шароит фароҳам оварда шуд. Дар мадраса ҳуҷра, хобгоҳ, синфхона, толори таълим ва ғайра мавҷуд буданд.

Вале пас аз инқилоб «Оинаи Шердор» ба анборхонаи садорати доруворӣ табдил ёфта, бо мурури замон харобу фарсуда шуд.

Хушбахтона, баъд аз истиқлол мадрасаи Нодир Девонбегӣ ба тасарруфи идораи «Мероси фарҳангӣ» гузашт. Аммо, бояд таъкид намуд, ки ба ҳаёти дубора ёфтану аз харобшавӣ эмин мондани маҷмӯаи Нодир Девонбегӣ хидмати таъмиргари машҳур, усто Абдуғаффор Ҳаққулов (рӯҳашон шод ва хонаи охираташон обод бод!) хеле бузург аст. Усто Абдуғаффор Ҳаққулов баъдтар доир ба таъмиру тармими хушсифати ёдгориҳои таърихӣ китоби дарсӣ низ навишта буданд.

Воқеан суҳбати мо бо ин марди ҳунарманду гулдаст дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Шарқ тонги» ва ғайра чоп шудааст.

Аммо баъди вафоти усто Абдуғаффор мадрасаи Нодир Девонбегӣ ниҳоят хароб шуд ва таъмиру тармимаш, ба қавле, чун рӯдаи гов, кашол ёфт.

– Имсол бинобар бориши зиёди барфу борон,





– гуфт директори маҷмааи Нодир Девонбегӣ Ғулом Турдимов, – деворҳои мадраса дарз пайдо кард. Мо ба роҳбарияти вилоят, аз ҷумла ба идораи мероси фарҳангии Самарқанд хаттиву шифоҳӣ муроҷиат кардем, то дар масъалаи таъмиру тармими он дахолат кунанд. Вале то ҳол ваъда ҳасту амал нест. Ин ваъдабозӣ то кай давом мекунад, маълум нест. Шояд баъди дахолати рӯзнома кор ранги дигар бигирад...

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ИФТИТОҲ ЁФТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ифтитоҳи он мушовири Президент оид ба масъалаҳои экологӣ – раиси Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлим Азиз Абдуҳакимов, муовини Дабири кулли СММ, директори иҷроияи Барномаи муҳити зисти СММ (UNEP) Ингер Андерсен ва директори генералии Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат (IUCN) иштирок карданд.

Абдуҳакимов зимни суханронӣ таъкид кард, ки «Eco Expo Central Asia» бояд ба як платформаи муассир барои бунёди шарикии амалӣ, таҳияи лоиҳаҳои ҷолиби экологӣ ҷиҳати сармоягузорӣ, роҳандозии ташаббусҳои нави муштарак ва тақвияти ҳамкории дарозмуддати байналмилалӣ табдил ёбад.

– Бигзор ин намоишгоҳ катализатори муҳим барои эҷоди пули технологии «сабз» байни Осиёи Марказӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ гардад, ки инноватсия, сармоягузорӣ, дониш ва роҳҳои ҳалли мушаххасро муттаҳид мекунад, – гуфт А. Абдуҳакимов.

Намоишгоҳ барои рушди иқтисоди сабз, ҷорӣ намудани технологияҳои сабз ва густариши ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи рушди устувор равона шудааст. Қобили зикр аст, ки Eco Expo Central Asia 2025, ки соли гузашта дар Тошканд баргузор шуд, аввалин намоишгоҳи бузурги экологӣ дар Осиёи Марказӣ буд, ки қариб 7500 иштирокчиро ҷамъ овардааст ва дар якҷоягӣ бо шарикони байналмилалӣ ба платформае барои оғози беш аз 130 лоиҳаи экологӣ табдил ёфтааст.

Дар доираи намоишгоҳ беш аз 68 растаҳо бо намоиши маҳсулот ва хидматҳои экологӣ, инчунин 20 майдони стартап барои навоварони экологӣ дар Осиёи Марказӣ ташкил карда шудаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*5 июн – Рӯзи байналхалқии ҳимояи муҳити зист*

# БИГЗОР БАЪДИ ҲАР ҶАШН ТАНҲО АКС НЕ, ДАРАХТЕ НИЗ БОҚӢ МОНАД

***Хонандаи азиз, имрӯз дар ҷаҳон доир ба ҳифзи табиат, тағйирёбии иқлим, муфлисшавии ҳаво ва зарурати муносибати эҳтиёткорона бо муҳити зист бисёр мегӯянду менависанд. Аммо ҳоло вақти он аст, ки аз танҳо гуфтану навиштан ба кору амалҳои зебо, нек ва судманд гузарем. Бахусус алъон, ки дар кишвар Барномаи давлатии «Макони сабз» – ташаббуси нек ва арзандае, ки барои сабзу хуррам гардондани сарзаминамон ва фароҳам овардани муҳити солим барои наслҳои оянда равона гардидааст, амалӣ мешавад.***

Фикр мекунам, вақти он расидааст, ки ҷомеа ба ин ташаббус маънои боз ҳам амиқтар ва самимитари инсонӣ бахшад.

Масалан, чаро наметавон нишонидани ниҳолу буттаҳоро ба қисми ҷудонашавандаи ҷашнҳои хонаводагӣ ва ҷамъиятии худ табдил дод?

Ба гунае, ки алҳол фотосессия, ба наворбардории сайру гашт дар ҷойҳои зебо, аксҳои хотиравӣ ва чорабиниҳои идона ба як одати маъмулии зиндагӣ табдил ёфтаанд.

Барои чӣ намешавад дар бораи онҳо як анъанаи зебои дигар – анъанаи тантанавии дарахтшинониро роҳандозӣ кунем? То ин амал низ ба ҷузъи ҳамешагии суру ҷашнҳои хонаводагӣ, вохӯриҳои хатмкунандагон, солгардҳо ва дигар маъракаҳои ҷамъиятӣ табдил ёбад.

Тасаввур кунед, арӯсу домод дар либоси сурӣ, ҳамроҳи падару модар ва дӯстонашон чун рамзи муҳаббат, вафо, идомаи насл ва зиндагии хушбахтонаи оилавӣ ниҳоле, дарахте, буттае мешинонанду дар назди он лавҳаи хурди хотиравие гузошта мешавад, ки дар вай сана ва номи арӯсу домод сабт гардидааст.

Солҳо мегузаранд... Ниҳол ҳамроҳи оила бузург мешавад. Дар сояи он кӯдакон бозӣ мекунанд, баъдтар наберахо, аберахо... Ҷашн бошад на танҳо дар мусаввадаву телефонҳо, балки дар оғӯши табиати зинда зиндагии худро идома медиҳад. Оё ниҳоле, ки дар оғӯши табиат реша давонда, солҳо ба инсон соя, зебоӣ ва ҳаёт мебахшад, аз дастаи гуле, ки баъди чанд рӯз пажмурда мешавад, пурмаънитар нест?

Ҳамчунин хатмкунандагони мактабу донишгоҳҳо метавонанд ҳангоми вохӯриҳои солгарди худ боғҳои дӯстӣ ва ҷавонӣ; оилаҳое, ки солгарди нуқрагин, тиллоӣ ва алмосии зиндагии муштаракро ҷашн мегиранд – «Боғҳои вафо ва садоқати оилавӣ»; соҳибҷашнҳои 50, 60, 70 ва... зодрӯзи худро таҷлил мекунанд – «Боғҳои рӯзгори арзанда ва ибратбахш»; ба муносибати мавлуди кӯдак – «Боғҳои умед ва насли нав»; ба хотираи омӯзгорон, табибон, шоирон, ҳунармандон, устодон ва инсонҳои гиромӣ – «Боғҳои сипос ва хотираи нек»-ро бунёд намоянд.

Дар омади гап, бояд таъкид кард, ки чунин анъанаи зебо дар гузашта байни мардуми мо роиҷ будааст.

Чунончӣ, агар дар оила писар таваллуд мешуд, бо нияти нек ниҳоли дарахтони сафедор ё шамшод мешинониданд.

Солҳо мегузаштанду он кӯдак баробари дарахтон бузург мешуд. Яъне ниёгони мо аз қадимулайём ба табиат меҳр парварда, бо он эҳтиёткорона муносибат мекарданд.

Шояд маҳз дар чунин одатҳои сода, хирадмандона ва инсонӣ фарҳанги ҳақиқии муносибати инсон ба табиат нуҳуфта бошад.

Бисёр муҳим аст, ки ин қабил ташаббусҳо тадриҷан бо дастгирии ҳокимиятҳои маҳаллӣ, маҳалла, мактаб, донишгоҳ, муассисаҳои фарҳангӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба қисми ҷудонопазиру расмии фарҳанги баргузории чорабиниҳо табдил ёбад. Ва, бешубҳа, ин кор бояд пешакӣ хуб андешида ва дуруст ташкил карда шавад. Барои ин дар ҳар шаҳр, ноҳия, деҳа ва маҳалла қаблан ҷойҳои махсус барои чунин дарахтшинониҳо муайян карда шаванд.

Муҳимтар аз ҳама, мардум бояд тавассути телевизион, радио, рӯзнома, сомона, шабакаҳои иҷтимоӣ ва эълонҳои маҳаллӣ пайваста аз чунин ҷойҳо ва тартиби иштирок дар онҳо огоҳӣ дошта бошанд.

Он вақт метавон гуфт ин ташаббусҳо ба як маъракаи расмии якрӯза не, балки ба қисми ҳамешагии фарҳанги ҷомеа ва анъанаи мардумӣ табдил хоҳанд ёфт.

Зеро дарахт танҳо як гиёҳ нест, он хотираи зинда, идомаи зиндаи эҳсосоти инсон аст. Рамзи зиндаи сипос ба замин ва оянда мебошад.

**Муқимҷон ОРИФӢ,**
**роҳбари Хона-музейи Ориф Гулхании Самарқандӣ.**

***Имсол ба иди Қурбон бо рӯҳбаландӣ ва шукӯҳи хосса омодагӣ гирифта шуд. Қарори Президентамон «Дар бораи таҷлил намудани иди Қурбон» дар ин бобат дастуруламал гардид. Халқамон ин ҷашнро 27-уми май бо шодмонии дучанд пешвоз гирифтанд.***
***Доир ба ҷойгоҳи иди Қурбон дар ҳаёти маънавиамон, моҳият ва аҳамияти он, гиромидошт ва ҳифзи арзишҳои миллию динӣ ва таҷлили он бо имом-хатиби масҷиди ҷомеи «Иттифоқ»-и ноҳияи Сергелии пойтахт Акмал АБДУЛЛОЕВ сӯҳбат оростем.***

# ИДИ ҚУРБОН ДАР ҲАЁТИ МАЪНАВИИ МО

Ӯ таъкид кард, ки Худованд барои имтиҳони бандаҳои худ ибодатҳои гуногунро ҷорӣ кардааст. Масалан, намоз агар ибодати бадан аст, рӯза дунёи ботинии рӯҳ, маънавият ва нафси инсонро тарбия менамояд. Қурбонӣ ибодати моддии инсон аст. Ин имтиҳон барои дар як сол як бор қурбонӣ кардани мусалмонҳое ҷорӣ карда шудааст, ки имконияти моддӣ доранд.

Қурбонӣ ибодатест, ки барокат меорад. Он ба ҳамаи мусалмонҳо фармуда шудааст. Ин сухан нодуруст аст, ки мегӯянд: ҳар одам бояд як ҷонварро қурбонӣ кунад. Аҳли мо, мисли он ки намоз ва рӯзаро барои худ мехонаду мегирад, бо назардошти имконияти моддӣ бояд қурбонӣ кунад.

Худоро шукр, ки дар Ӯзбекистон сафи онҳое, ки қурбонӣ мекунанд ва закот медиҳанд, зиёд шуда истодаанд. Ин далели рушди ҳолати моддии халқамон аст.

Роҳбари давлатамон бо қарори алоҳида таҷлили иди Қурбонро тавсия намуд, ки дар замири он маънии зиёде нуҳуфтааст. Мардум дар ин рӯзҳо бо корҳое, мисли меҳру мурувват ба якдигар, хабаргирӣ аз ҳоли хешу ақрабо, ятиму бечоранавозӣ, ба даст овардани дилҳо машғул мешавад. Ин ҷашн ба пайванди риштаҳои хешутаборӣ, ҳамсоягӣ, қудову андагӣ хидмат менамояд. Инчунин, аҳамият ва ҷойгоҳи иди мубораки Қурбон дар ҳаёти маънавиамон беқиёс аст.

Дар рафти сафари Ҳаҷ, барои адо кардани аркони динӣ, аз ҷониби роҳбари давлатамон ба халқамон шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Инро бояд алоҳида эътироф намуд.

Чанд сол аст, ки корҳои ташкилии Ҳаҷҷу Умра бино ба тавсияҳои Президент, қарорҳои Девони Вазирон ва қарору пешниҳодоти Шӯрои ҷамоатии оид ба масъалаҳои ташкил ва баргузории чорабиниҳои Ҳаҷ ва Умра дар сатҳи баланд созмон дода мешавад.

Имсол 15 ҳазор нафар ҳамватанонамон Каъбаро зиёрат карданд. Сафари имсолаи ҳоҷиёни мо назар ба солҳои пештара фарқ дошт. Онҳо, ҳанӯз вақте дар Ӯзбекистон буданд, худро ба мақсади рӯҳан ва маънан ба ин сафар омода кардан ба ниёзмандон, оилаҳои камтаъмин кумаки моддӣ расонданд.

Аз ҳама муҳимаш, шахси ба мақоми ҳоҷӣ ноилшаванда бояд инсони аз дину диёнат огоҳ бошад, ба аҳли маҳалла кумак расонад, оилааш осуда, инсони ҳамаҷониба сазовор бошад.

Бино ба ташаббуси Президент маблағе, ки доир ба нақшаи сарфи харҷ аз ҳар зоир барои мавсими Ҳаҷ гирифта мешуд, кам карда шуд.

Халқамон аз ин гуна корҳои хайру нек сипосгузор аст. Чанде қабл иди Қурбон дар сартосари кишварамон бо шукӯҳ ҷашн гирифта шуд. Ҳоло дар идомаи дуоҳои нек даст ба дуо кушода, осудагии халқу мамлакат, рушду равнақи ислоҳотеро, ки пайи фаровонии рӯзгорамон татбиқ мегарданд, таманно менамоем.

Мусоҳиб
**Далер АЗИЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



# КӮДАКОН – ОЯНДАЕ, КИ БОЯД ҲИФЗ ШАВАД

***Дар дунё санаҳое ҳастанд, ки аз доираи як ҷашни одӣ берун рафта, маънои амиқи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва инсонӣ касб мекунанд. 1 июн – Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон аз ҷумлаи чунин рӯзҳост.***
***Ин рӯз на танҳо иди табассум, шодии кӯдакон ва тақдими тӯҳфаҳо, балки фурсати ҷиддӣ барои андеша дар бораи ҳуқуқ, амният, саломатӣ, таълим ваояндаи насли наврас мебошад. Зеро кӯдак танҳо фарзанди як оила нест, ҳамчунин ӯ идомадиҳандаи ҷомеа, меросбари миллат ва созандаи фардо аст.***

Таърихи Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон аз солҳои аввали асри гузашта оғоз меёбад. Тибқи маълумоти таърихӣ, масъалаи таъсиси рӯзи махсус барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон соли 1925 дар шаҳри Женева, зимни баргузории Конфронси ҷаҳонии бахшида ба беҳбудии кӯдакон матраҳ гардид.

Баъдтар, аз соли 1950, ин сана дар бисёр кишварҳо ҳамчун ҷашни байналмилалӣ таҷлил шуд.

Асри XXI ба кӯдакон имкониятҳои бесобиқа фароҳам овард. Интернет, технологияҳои рақамӣ, дастрасӣ ба дониш ва муоширати ҷаҳонӣ барои рушди зеҳнӣ ва омӯзиши онҳо уфуқҳои нав кушодааст. Аммо дар баробари имкониятҳо, таҳдидҳои нав низ ба вуҷуд омадаанд. Имрӯз коршиносон аз таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоӣ, вобастагӣ ба телефонҳои мобилӣ, паҳншавии муҳтавои носолим ва коҳиши муоширати зиндаи оилавӣ изҳори нигаронӣ мекунанд.

Дар бисёр кишварҳо масъалаи маҳдудсозии истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои кӯдакон мавриди баррасӣ қарор дорад. Баъзе давлатҳо ҳатто қонунгузории худро дар самти ҳифзи кӯдакон аз таъсири муҳити рақамӣ сахттар месозанд.

Аз ин рӯ, имрӯз мафҳуми «ҳифзи кӯдак» танҳо бо ғизо, либос ё таълим маҳдуд намешавад. Ҳифзи иттилоотӣ, амнияти рақамӣ ва тарбияи фарҳанги истифодаи технология низ ба масъалаи муҳими рӯз табдил ёфтааст. Дар тарбияи кӯдак нақши оила ҷойгоҳи марказӣ дорад. Муҳаббат, эҳтиром, меҳрубонӣ, меҳру оқибат, масъулият ва одоби иҷтимоӣ пеш аз ҳама дар муҳити оила шакл мегирад.

Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон моро ба андеша водор мекунад: мо барои насли наврас чӣ мерос мегузорем?

Ҷомеае, ки ба кӯдак муҳити амн, таълими босифат, хидматрасонии тиббӣ ва шароити рушди озод фароҳам меорад, барои худояндаи устувор месозад. Бепарвоӣ нисбат ба мушкилоти кӯдак метавонад паёмадҳои вазнин дошта бошад: бесаводӣ, ҷинояткорӣ, бӯҳронҳои равонӣ ва косташавии арзишҳои иҷтимоӣ.

Аз ҳамин сабаб, ҳифзи кӯдак бояд ба фарҳанги умумии ҷомеа табдил ёбад: дар оила, мактаб, маҳалла, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сиёсати давлатӣ.

Кӯдакон бо хандаи пок, орзуҳои беолоиш ва дунёи рангини худ ба зиндагӣ маъно мебахшанд. Ҳар табассуми кӯдак паёми умед ба фардост. Шояд маҳз ҳамин аст, ки инсоният дар тӯли даҳсолаҳо масъалаи ҳифзи кӯдакро дар меҳвари таваҷҷуҳи худ қарор додааст.

1 июн бояд на танҳо рӯзи идона, балки рӯзи масъулият, худшиносӣ ва эҳсоси қарз дар назди насли наврас бошад. Зеро кӯдакони имрӯз шаҳрвандони фардо, донишмандон, омӯзгорон, табибон, муҳандисон, рӯзноманигорон ва роҳбарониояндаанд.

Пас, вазифаи мост, ки барои онҳо ҷомеаеро бунёд кунем, ки дар он ҳар кӯдак худро дӯстдошта, муҳофизатшуда ва соҳибимкон эҳсос намояд.

Чун ҳақиқати одӣ, вале абадӣ ҳамин аст: кӯдаконе, ки имрӯз ҳифз мешаванд, фардо ҷаҳонро ҳифз хоҳанд кард.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Ду тори як рубобем*

# ДУОИ ТАҒОЯМ



Хурдсол будам. Аз Тоҷикистон ба хонаи мо меҳмонон меомаданд. На танҳо оилаамон, балки хешу табор ва ҳамсояҳо низ онҳоро бесаброна интизор мешуданд.

Тағои падарам – Шамсиддин ва ҳамсарашон Ҳурбувӣ, духтаронашон Исмигулу Идигул соле як маротиба ба меҳмонӣ меомаданд. Шамсиддинтағо одами кӯдакпарвар буд. Ҳангоми суҳбат бо хурдсолон меҳру муҳаббати зиёд зоҳир мекард.

Аз хотирам фаромӯш намешавад. Ман он вақт бачаи 6-7 сола будам. Вақти суҳбат падарам дар бораи қобилияти шеъразёдкунии ман фахр карда гуфта буд, тағои Шамсиддин маро ба оғӯш гирифта аз пешонаам бӯсид ва пурсид:

– Номи ту Носирҷон аст? Хеле хуб. Падару модарат ба ту ин номро беҳуда нагузоштаанд. – гуфт ӯ. – Медонӣ, Носир бояд чӣ гуна фарзанд бошад? Ӯ бояд доно, хирадманд ва аз ҳама муҳимаш инсони нек шавад. Ман ба ту чанд шеъри шоири тоҷик бо номи Носири Хусравро навишта медиҳам ва ту онҳоро аз худ мекунӣ. Илоҳо, мисли Носири Хусрав хирадманду доно шавӣ! – дуо кард тағо.

Рӯзи дигар меҳмонон ба хонаи хешон рафтанд. Ман тамоми рӯз афсона ва шеърҳои аз модарам омӯхтаамро такрор карда, ба суҳбати шом тайёр шудам. Вақте ки меҳмонон баргаштанд, ба тағо аз ёд шеър хондам ва хотиррасон кардам, ки ба ман кай аз шеърҳои Носири Хусрав навишта медиҳанд. Ҳама аз суханони ман хурсанд шуданд. Хусусан, қаноатмандии волидонам дар чеҳраҳо ва чашмони онҳо намоён шуд.

Тағо дафтару ручка пурсиду ду-се шеъри Носири Хусравро бо ду забон – ӯзбекӣ ва тоҷикӣ навишт. Шамсиддин тағо, ки суханонаш пурмазмун буд, дар зеҳнам ҳамчун одами донишманд боқӣ монд. Ман шеърҳоро бо кумаки хоҳари калониам аз худ кардам.

Ҳоло бо хушнудӣ ба ёд меорам, ки шиносоӣ бо эҷоди шоири бузург, бо шарофати Шамсиддинтағо ман орзуи якумраи худро низ муайян кардаам.

Баъдтар дар бораи муносибатҳои дӯстонаи шоирони бузург Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ маълумот гирифтам ва ба омӯхтани адабиёти классикии тоҷику ӯзбек ҳавас пайдо кардам.

Ҳангоми пайгирии орзуҳоям дар бораи адабиёти тоҷик, хусусан дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Носири Хусрав маълумотҳои нав пайдо кардам.

Носири Хусрав на танҳо шоир ва нависанда, балки ҳамчун мутафаккири таълимоти исломӣ, олими риёзиёт, астрономия, геодезия, фалсафа ва мусиқӣ маъруф буд. «Адолат тоҷи ҷаҳон аст» ва «Ҷӯянда ёбанда аст» шиорҳои ҳаётии ӯ будаанд. Носири Хусрав ҳамчун мансабдор дар Балх ва Марв фаъолият бурдааст. Бо ҳаёти мардуми гуногун ошно шуда хотираҳо навиштааст...

Барои ба даст қалам гирифтанам, рӯзноманигор шуданам ва ба таври ҷиддӣ бо эҷодиёти бадеӣ машғул шуданам, намунаҳои асарҳои ҳамномам – Носири Хусрав мавқеи муҳим дорад.

**Носир АББОС,**
**узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон,**
**раиси шуъбаи Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон дар вилояти Намангон.**

# ҲАМКОРӢ БО ДОНИШГОҲИ СИАН

***Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов бо 160 мактаби олии ҷаҳон риштаи ҳамкорӣ баста, шумораи он боз ба якто афзуд.***

Проректори донишгоҳ, доктори фанҳои физика-математика Аҳмадҷон Солеев ба Хитой азми сафар карда, бо Донишгоҳи Сиан шартномаи ҳамкориро оиди дар назди таълимгоҳи ДДС ташкил кардани факултаи коркарди нафту газ ба имзо расонд. Воқеан, Донишгоҳи Сиан соли 1951 ташкил ёфта, ҳоло 20 ҳазор нафар толибилмон аз рӯи мутахассисии коркарди нафту газ таҳсил мегиранд. Ба онҳо ду ҳазор нафар устодони соҳибмалака сабақ медиҳанд.

– Имсол мо дар асоси қарордоди ҳамкорӣ 200 нафар довталабонро ба ин факулта қабул мекунем, – гуфт Солеев. – Ба мутахассисониояндаи коркарди нафту газ на танҳо устодону мураббиён аз Ӯзбекистон, инчунин аз Чин низ сабақ медиҳанд. Такмили ихтисоси омӯзгорон ва рафту омади озодонаи толибилмон ба Сиан низ пешбинӣ шудааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Гузашти айём*

# ШИРИН АСТ, ДИДОРИ ЁРОНИ ҶАВОНӢ

***Наврӯзи навбаҳорон бо сабзаю гул, насими фораму ҳавои дилкаш, манзараҳои пурҷозиба ва дилрабои худ дунёи куҳанро ҳар сол аз нав ҷавон месозад. Ин эҳсони беминнати табиат дили хурду калон, пиру барноро ба ҷӯш оварда ба вуҷудамон нирӯ, рӯҳи тоза, эҳсосоти гуворо мебахшад. Баробари бедоршавии табиат хотираҳои ширин ба ҷунбиш омада лаҳзаҳои нотакрори айёми бачагӣ, давраҳои сабақомӯзию мактабхонӣ, донишҷӯӣ, рӯи гарм, нигоҳҳои пурмеҳри ҳамдарсон пеши назар намоён мегардад.***

Давраи донишҷӯии мо – солҳои 1969-1973 дар факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи Устод Садриддин Айнӣ – дар давраи ҷашни 2500-солагии «Сайқали рӯйи замин» рост омад. Дар оғози таҳсил ҳамдарсон 37 нафар буд, тадриҷан бо сабабҳои гуногун 33 нафар таълимгоҳи олиро хатм кардем. Заҳматҳои устодони арҷманд С. Аслиддинов, В. Қосимов, Ш. Шукуров, А. Аҳмадҷонзода, Л. Назарова, А. Мирсафоев, С. Иброҳимов, Б. Насриддинзода, А. Фаттоев, А. Воҳидов, С. Умарова, С. Кенҷа, Ю. Пӯлодов, Ӯ. Усмонов, Б. Усмонов, Х. Қамариддинов, М. Адашев, П. Холов, С. Муродов, А. Юсуфова ва дигаронро фаромӯш нахоҳем кард. Баъди хатми донишкада ҳамкурсҳои собиқамон дар Самарқанд, ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона, ноҳияҳои Қамашӣ ва Деҳқонободи вилояти Қашқадарё, ноҳияҳои Деҳнаву Сариосиё, Олтинсойи вилояти Сурхондарё, ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё, ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро кору зиндагӣ карда ба нафақа баромаданд. Аввалин вохӯрии умумии мо бо ташаббуси бародари ҳамдарсамон Толиб Юнусзода дар деҳаи Оқмасҷиди ноҳияи Самарқанд соли 2010 сурат гирифт. Он гоҳ аҳд карда шуд, ки ҳар сол он ҷо ҷамъ меоем. Ҳамин тариқ, вохӯрии мо дар ҳамин хонадон ҳар сол дар рӯзи гуфташуда ранги одат гирифт ва ин анъана ҳамоно идома дорад. Агар бемории ё ягон сабаби ҷиддӣ набошад, ҳар сол аксарияти ёрони ҷавонӣ вохӯрӣ дар Самарқандро интизор мешаванд. Охир Лоиқ Шералӣ беҳуда нагуфтааст:

Ҳар дам ғанимат аст, одам ғанимат аст...

Соли гузашта ба муаллифи ин сатрҳо зиёрати Самарқанд насиб накарда буд. Дӯсти қашқадарёиам Ҷайлов Атозода аз сари сол боз ба банда занг зада шодмонӣ мекард, ки то нишасти имсола дар Самарқанд чор моҳ вақт мондааст. Вай рӯз мешуморид ва баъди ҳар понздаҳ рӯзи интизорӣ мужда мерасонд, ки дидорбинӣ наздик меояд. Ин ҷараён то аввали моҳи май давом кард, вале як шабонарӯз пеш аз Самарқандравӣ фишори хун нақшаи деринаи вайро халалдор кард. Албатта, ӯ ба по хест, аммо ба вохӯрӣ рафта натавонист. Чунин ҳолат ба баъзе рафиқони дигарамон низ рух додааст. Чӣ илоҷ? «Ин дил, ки ранҷ мекашад, то кай саломат аст?!»

Хабари моҳҳои марту апрели соли ҷорӣ аз ҳаёт чашм пӯшидани ду ҳамкурси самарқандиамон – Гулчеҳра Баракаева ва Ҳамида Ҳакимова ба дили иштирокдорони вохӯрӣ соя андохт. Чанд нафар барои изҳори ҳамдардӣ ба ҳавлии онҳо рафтанд. Ниҳоят давра оғоз ёфт: «бо ёдоварии онҳо – ҳамсабақону устодони шодравон пораҳо аз «Қуръон» тиловат гардид. Нишасти имсола дар тарабхонаи ба хонадони Толиб Юнусзода наздик то бегоҳ давом кард. Суханони Абдукарим Абдуллоев, Раҳмон Ҳасанов, Маҳбуба Ӯлмасова, Холида Муҳаммадқулова, Меҳрӣ Халилова, Сипорат Пирмуҳаммадова, Саломат Давлатова, Маҳфуза Холматова, Раҳима Давронова, Муҳаррам Ҳамидова ва дигарон ҳар яке ба бобҳои ҷудогонаи достони «Меҳрнома»-и хотираҳои ҳанӯз нонавишта шабоҳат дошт. Иштироки доимӣ ва суханрониҳои ҳамсари бовафо ва ду писари Рустампайкари ҳамсабақи раҳматиамон Аброр Аҳроров ба давра ҳамеша файз мебахшад. Рақсу сурудҳои хотимаи давра хотирмон буд. Аҷиб, лаҳзаҳои дилкаш ин қадар тез мегузарад...

Ҳамин тариқ, вохӯрии шонздаҳумини мо низ поён ёфта, лаҳзаҳои падруд фаро расид. Аз ҷой мехестему ин мисраъҳои Озарахш дар иҷрои Хосияти Зарафшонӣ ба гӯш мерасид:

*Бехабарему меравад*
*давраи беҳтаринамо,*
*Ёди асал баринамо,*
*сӯҳбати шакаринамо...*

**Амрулло АВЕЗОВ.**
*БУХОРО.*

# КОМЁБӢ ВА НАҚШАҲОИ МАКТАБИ МУВАФФАҚ










(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар муассиса ба тарбияи насли наврас диққати махсус дода мешавад. Ин муассисаи таълимӣ бо таҷрибаҳои пешрафтаи худ на танҳо дар ноҳия, балки дар вилоят низ ҳамчун намунаи ибрат шинохта шудааст.

Бо мақсади ба фаъолияти ин маскани таълимӣ шинос шудан, ба ноҳияи Косонсой роҳ пеш гирифтем. Аз ноҳияи Тӯрақӯрғон баромада, ба самти шимол равон шавед, шоҳроҳи байни деҳоту саҳроро тай намуда, ба Косонсойи бостонӣ омада мерасед. Дар даромадгоҳи рости маҳаллаи Гулбоғ назар ба мактаби хушсохту зебои рақами 18-ум меафтад.

Дар саҳифаи телегромии «Овози тоҷик» бо мақсади муайян кардани мактаби фаъолу пешқадами вилояти Намангон дар байни 6 таълимгоҳи ноҳияҳои Косонсой, Чуст ва Поп, ки таълим дар онҳо тоҷикист, чанде пеш пурсишнома эълон шуда буд. Дар он мактаби таълими миёнаи умумии рақами 18-ум бо ҷамъоварии 578 овоз ҷойи якумро гирифт. Бо ин муносибат вакилони рӯзнома аҳли ҷамоаро бо ин муваффақият аз номи ҳайати таҳририяти «Овози тоҷик» ва Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилояти Намангон самимона шодбош гуфта, ба роҳбари мактаб сипосномаҳои нашрияи марказӣ ва маркази миллиро супурданд.

– Ислоҳоте, ки дар низоми таълими халқ амалӣ мешаванд, аз ҳар як муассисаи таълимӣ талаб мекунад, ки мувофиқи талаботи замон фаъолият кунад, то сифат ва самаранокии таълимро баланд бардорад, – мегӯяд директори мактаб Рустамҷон Каримов. – Аз ҷумла, таълими амиқ ба насли ҷавон, тарбияи онҳо аз ҷиҳати маънавӣ баркамол ва солим яке аз афзалиятҳо мебошад. Мактабамон имсол 70-солагии худро ҷашн мегирад. Дар муассисаи таълимии мо, ки барои 935 ҷой пешбинӣ шудааст, раванди таълими дубастӣ дар 43 синф ташкил карда шудааст ва 1232 нафар хонанда бо таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ин нишондиҳандаҳо ҳам аз шумораи зиёди хонандагон дар мактаб шаҳодат медиҳанд. Онҳо дар маҳфил, мусобиқа ва чорабиниҳои фарҳангии гуногун фаъолона иштирок мекунанд.

***Шумораи омӯзгорони таълимгоҳ 100 нафаранд ва тақрибан нисфи онҳо дорои тоифаҳои олӣ ва якуманд. 31 нафарашон сертификатҳои милливу байналхалқиро ба даст даровардаанд. Соли гузашта зиёда аз 20 нафар хатмкунандагони мактабамон ба донишгоҳҳо дохил шуданд ва соли ҷорӣ 27 нафар хонанда бо сертификатҳои дараҷаи баланд мактабро хатм карданд.***

Дар доираи Олимпиадаи «Панҷ ташаббус» хонандагон дар ҳамаи намудҳои варзиш ба натиҷаҳои шоиста ноил мегарданд. Яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо ин аст, ки дар мусобиқаи анъанавии «Қувноқ стартлар» дар марҳилаи вилоятӣ ҷойи дуюмро гирифтем. Дар ин муваффақиятҳо муаллимҳои тарбияи ҷисмонӣ саҳми арзанда гузоштанд.

Мувофиқи нақша корҳои маънавию тарбиявӣ ташкил карда мешаванд. Тавассути воҳӯрӣ, чорабиниҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ дар хонандагон эҳсоси ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллиро пайдо мекунад.

Бо саъю кӯшиши ҷамоа дар доираи барномаи «Опен бюджет» 3 маротиба ғолибиро ба даст овардем. Дар натиҷа, майдони варзишӣ (бо алафи сунъӣ) сохта шуд. 20 тахтаи интерактивӣ, 30 компутери замонавӣ ва 10 мошини дӯзандагӣ оварда шуд. Мо бо ин натиҷаҳои бадастоварда маҳдуд намешавем, балки барои тақвияти минбаъдаи онҳо ва ба даст овардани муваффақиятҳои нав кӯшиш мекунем.

## БЕҲТАРИН МАКТАБИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Дар мактаб омӯзгорони фаннӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ, хусусан забони англисӣ як қатор корҳои назаррасро анҷом медиҳанд. Аз ҷумла, доираҳои фаннӣ, озмунҳои гуногун, баҳсҳо ва дарсҳои бо усули нав асосёфта ба ин мисол шуда метавонанд.

***Мактаб, ки аз соли 2022 инҷониб озмуни «Беҳтарин мактаби таълими забонҳои хориҷӣ»-ро барои ҷоизаи Президент баргузор менамояд, дар марҳилаи ноҳиявӣ ҷойҳои 1, 2 ва 3-юмро ишғол карда, 50, 75 ва 100 миллион сӯм ҷоиза гирифт ва ин маблағ барои ғанӣ гардонидани пойгоҳи моддию техникӣ ва ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва донишҷӯёни иштирокчии олимпиада ва мусобиқаҳои варзишӣ сарф карда мешаванд.***

Соли 2026 боз чунин муваффақият оғоз ёфт. Мактаб дар натиҷаи кори як дастаи омӯзгорони забони англисӣ ва 5 донишҷӯ ғолиби ин озмун шуд. Дар сатҳи ноҳия бори дигар ҷойи 2-юмро гирифт ва ҷоизаи пулии 75 миллионро ба даст овард. Дар ин муваффақиятҳо муаллимҳои забони хориҷӣ Нигора Эгамова, Нурҷаҳон Нурматова ва Саидҷон Кенҷаевҳо саҳми арзанда доранд.

## «ТАҶРИБАИ ҶОПОН» НИЗ АМАЛӢ ГАШТААСТ

Дар мамлакатамон имрӯз ислоҳоти куллии низоми таълим, баланд бардоштани сифат ва самаранокии он яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян шудааст.

«Таҷрибаи Ҷопон» ҳамчун озмоиш дар 17 мактаби таҳсилоти умумии вилоят ҷорӣ шуда, асосан дар 95 синфҳои ибтидоӣ амалӣ карда мешавад.

Ин усул ҳамчун роҳи ҳалли мушкилоти интизом, масъулият, пайвастагии аз ҳад зиёд ба телефон, бепарвоӣ ба таълимгирӣ муҳим аст. Бо назардошти ташаккули чунин малакаҳо дар синни 7-9-солагӣ муайян карда мешавад, ки тартиб аз синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбад.

Дар доираи таҷриба, ҳар як хонанда ҳангоми ба синф даромадан либосҳои худро ба ҷевон мегузорад, ҳангоми хӯрокхӯрӣ танҳо аз ҷиҳозҳои шахсӣ истифода мебаранд ва барои тозагии синфхона худи хонандагон масъуланд. Ин ба кӯдакон дар инкишофи мустақилӣ, тартибу интизом ва нисбати ҷамоа эҳсос намудани масъулиятро меомӯзад.

Таҷрибаи Ҷопон дар ин муассисаи таълимӣ низ ҷорӣ карда шудааст. Хонандагони синфи 1 дар асоси «таҷрибаи Ҷопон» фаъолият мекунанд. Барои татбиқи самаранокии ин таҷриба муаллимаи синфи ибтидоӣ Гавҳар Рустамова ҷалб карда шудааст.

– Қайд кардан мумкин, ки ин таҷриба на танҳо дониши хонандагон, балки муҳити мактабро низ беҳтар намуда, шавқу рағбати кӯдаконро нисбати дониш меафзоёнад, – мегӯяд муаллима. – Ҷорӣ кардани таҷрибаи таълиму тарбияи Ҷопон дар роҳи ислоҳоти соҳаи таълим иқдоми нек ба шумор меравад. Мо, аллакай, натиҷаи ин усули замонавиро дар амал дарк кардем. Падару модарони хонандагони синфамон низ аз ин таҷриба сипосгузоранд. Аз гуфти онҳо маълум мешавад, ки тарбия ва рафтору гуфтори фарзандашон тамоман дигаргун шудааст. Дар хона ҳар як вазифаи ба худ дахлдоштаро мувофиқи нишондоди муаллим иҷро мекунанд.

## ОНҲО ЗИЁДА АЗ 1000 ДОЛЛАР МАОШ МЕГИРАНД

– Нигора Эгамова, Нурҷаҳон Нурматова, Саидҷон Кенҷаев, Акрамҷон Ғафуров, Ҳилола Алибоева, Шавкатҷон Ғафуров, Ҳамида Болтаева, Нодирахон Абдуллаҳаева, Аҳадҷон Ортиқов, Акрамҷон Абдураҳмонов, Баҳринисо Дадамирзоева ва Садоқат Холиқова барин муаллимони пешқадам фахри мактабамон ба шумор мераванд, – мегӯяд роҳбари мактаб. – Онҳое, ки аз фанҳои асосӣ ба хонандагон таълим медиҳанд, имрӯз мувофиқи меҳнати пурмашаққаташон 8 нафарашон зиёда аз ҳазор доллар ва 4 нафарашон қариб 10 миллион сӯмӣ маош мегиранд.

– Аз сарвари давлатамон ниҳоят сипосгузорем, ки маошамон 2-3 маротиба афзуд, – мегӯяд муаллими фанни технология Аҳадҷон Ортиқов. – Ба коғазбозӣ, барои расмият ҳисобот ва дигар гуна корҳо, хусусан маҷлисбозӣ, кӯчарӯбӣ, пахтачинӣ, кӯмак ба сабзавоткорон хотима ёфт. Аз ҳама муҳимаш, синфхонаҳо бо асбобу анҷомҳои замонавӣ ҷиҳозонида шуда, бо техникаи замонавӣ таъмин гардиданд. Ин шароиту имкониятҳои аз тарафи давлатамон додашуда моро вазифадор мекунад, ки боз ҳам бо завқу шавқ кор кунем ва дар рушди кишвар ҳиссаи худро гузорем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
**Шарофхон МИРЗОЕВ,**
**мухбири ҷамоатии «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Саломатӣ – сарвати бебаҳо*

# БОЗДИД АЗ ШИФОХОНАҲОИ УРГУТ

***Дар Стратегияи «Ӯзбекистон-2030», ки соли 2023 қабул гардид, самтҳои асосии рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвари азизи мо муайян карда шудаанд. Яке аз онҳо, бешубҳа, соҳаи нигаҳдории тандурустӣ аст.***
***Туфайли сиёсати дурандешонаи сарвари давлат дар соҳаи мазкури Ӯзбекистони Нав, аз он ҷумла, Самарқанди бостонӣ корҳои васеъмиқёс ба фарҷом мерасанд.***
***Ҳоло дар Самарқанд 10 муассисаи табобатии вилоятӣ, 13 шуъбаи ҷумҳурӣ ва 16 шифохонаи шаҳру ноҳиявӣ, инчунин 435 муассисаи ибтидоии кӯмаки тиббию санитарӣ амал мекунанд.***
***Вале, мутаассифона дар ҳудуди ноҳияҳои дурдаст хидматрасонии тиббӣ ҷавобгӯйи талаботи замон нест.***
***Яке аз чунин бунгоҳҳои абгори тиббӣ дар маҳаллаи Тарақлии ноҳияи Ургут буд, ки шифокорон корафтодагонро дар бинои куҳнаву фарсуда қабул мекардаанд.***




Баъди ташрифи роҳбари Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Саида Мирзиёева, ки моҳи декабри соли гузашта ба вуқӯъ пайваст, масъала ранги дигар гирифт. Ӯ бо шароити кору хидматрасонӣ ва вазъи шифохонаи беш аз 50-сола шинос шуда, дар тааҷҷуб афтод ва ба роҳбарону фаъолони маҳалла, ноҳия ва шахсан ба сардори садорати нигаҳдории тандурустии вилоят Суҳроб Зайниев супориш дод, ки барои бунгоҳи табобатии деҳаи Тарақлӣ дар муддати кӯтоҳ бинои нави замонавӣ сохта шавад.

Боиси хушнудист, ки алҳол аз табобатхонаи рақами 21-уми оилавии ноҳияи Ургут тақрибан 30 ҳазор аҳолии маҳаллаҳои гирду атроф баҳраманд мегарданд.

Чанде пеш бо ташаббуси садорати нигаҳдории тандурустии вилоят ба ноҳияи Ургут пресс-тур барои ходимони расонаҳои ахбори оммавӣ ташкил шуд. Журналистону блогерҳо бо корҳои хайру неки соҳаи нигаҳдории тандурустӣ аз наздик шинос гардидаанд.

Бояд гуфт, ки алъон шуъбаи нигаҳдории тандурустии ноҳия дар самти хизмати тиббӣ дар вилоят пешқадам аст. Дар ҳудуди ноҳия 54 поликиникаи оилавӣ ва шифохонаи марказӣ амал мекунанд, дар ҳамаи онҳо шароити қабулу гусели мизоҷон дар сатҳи баланд мебошад.

Бино ба маълумоти оморӣ дар чоряки якуми соли равон 34 ҳазор миҷоз ба поликлиникаҳои оилавӣ муроҷиат карда, 12,5 ҳазор нафарашон дар шифохонаҳо табобат гирифтаанд.

Аммо тавре ки хидмати матбуоти садорати нигаҳдории тандурустии вилоят иттилоъ дод, дар ноҳия масъалаи таъминот бо кадрҳо ҳанӯз куллан ҳаллу фасл нашудааст. Дар деҳаҳои дурдасти кӯҳӣ 134 шифокори соҳиби маълумоти олӣ намерасанд. Умед аст, ки ин муаммоҳо дар наздиктарин фурсат ҳаллу фасл мешаванд.

Диққату эътибори иштирокчиёни пресс-турро дар ноҳия, хосатан поликлиникаи оилавии деҳаи хушҳавои Тарақлӣ ба худ кашид.

Мудири он Сардор Нуъмонов изҳор кард, ки пас аз ташрифи роҳбари Маъмурияти Президент вазъият дар муассисаи мазкур куллан беҳ шудааст. Поликлиника бо дастгоҳҳои гармкунӣ, асбобҳои табобатии замонавӣ муҷаҳҳаз аст. Мо тавонистем мутахассисони соҳаҳои гуногуни хизматрасонии тиббиро, ки мардум ба онҳо ниёз доранд, ба кор ҷалб намоем.

Дар поёни тадбир хабар дода шуд, ки ба шифокороне, ки дар ноҳияҳои дурдаст, чун Ургут, Қӯшработ, Нурobод ва ғайра кор мекунанд, маоши иловагӣ дода мешавад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

***Дар замири Иди мубораки Қурбон меҳру саховат, хайру эҳсон ҷой гирифтааст. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат ин ид мубораку шариф аст.***

# ХАЙРУ ЭҲСОН ДАР ИДИ ҚУРБОН

Аз ҳолу аҳволи дармондагон хабар гирифтан, ба аёдати беморон рафтан, ба мискинону ятимон кумак расонида, меҳру саховат нишон додану ба неъмати Худованд шукронагӣ ба ҷо овардан моҳияти аслии ин ид маҳсуб меёбад. Дар ин самт Фармони Президенти кишварамон ҳам ба имзо расид. Иҷрои он дар арафаи ид дар вилояти Сурхондарё хеле қаноатбахш буд. Аз 20 ҳазору 139 хонадоне, ки кумаки моддӣ (маҷмӯи маводи хӯрокворӣ) расонида шуд, 19 ҳазору 562-тояш мутааллиқи оилаҳои дар «реестри иҷтимоӣ» буда, 577-тояш куҳансолони бепарастормонда мебошанд. Барои ба ҳамаи онҳо кумаки моддӣ, яъне маводи хӯрокворӣ расонидан 8 миллиарду 297 миллион сӯм маблағ масраф гардид.

Инчунин, ба муносибати ин иди меҳру мурувват ва хайру саховат дар вилоят ба нақша гирифта шуд, ки аз ҳисоби давлат ба 642 нафар кӯдакон амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида, пеши роҳи ногироншавии онҳо гирифта шавад. Ба дафтари амонати 647 нафар кӯдакони ятиму бепарастормонда ба миқдори 200 доллари амрикоӣ ба ҳар яке маблағ гузаронида шуд. Сарфу хароҷоти 138 нафар беморони гирифтори касалиҳои онкологӣ, гемотологӣ ва анкогемотологӣ, ки барои ташхис ва табобат бояд масраф шавад, пардохт гардад. Инчунин, хароҷоти 10 нафар бемороне, ки амалиёти мураккаби ҷарроҳӣ – ивазкунии ҷигар ва гурдаро аз сар мегузаронанд, бояд пардохта шавад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 2058. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.